**Тақриз**

ба диссертатсияи илмии **Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид** дар мавзӯи «Инсонгройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавонон дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид яке аз масъалаҳои муҳими замони муосир буда,оид ба инсонгарой ва тарбияи инсони комил аз замонҳои қадим то имрӯз ҷиддӣ,зарурӣ ва барои ҷамъият чизи даркорӣ,яъне тарбияи инсони комил дар ҷои аввал меистад.

Инсони комил дар тули садсолаҳои таърих аз насл ба насл интиқол додани урфу одатҳо,қоидаҳои бунёди муносибатҳо дар ҷомеаи муайяни миллӣ,фарҳанги он,ахлоқ арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва ғайраро бо усулҳои муайяни санҷидашуда,аз ҷумла истифодаи тарбияи халқӣ,дар асоси таҷрибаи таърихии гурӯҳҳои этникӣ омӯхта шудааст.Таваҷуҳи Манучеҳрро пеш аз ҳама андешаи ӯ дар бораи Инсони комил ҷалб намудааст,зеро он ба як қаттор масъалаҳоои фалсафие,ки тамоми инсониятро ба ташвиш овардааст,алоқаманд мебошад.

Мафҳуми “Инсони комил”ба ин маъние,ки Ҷалолиддини Балхӣ барои расидан бар он саҳм гузоштааст,яъне ифодагари инсонест,ки он аз тамоми корҳои бад даст кашида,танҳо барои расидан ба Ҳақ зиндагии покизаро интихоб намудааст.

Илми педагогикаи муосир воқеӣ будани майлу хоҳиши Инсонро ба худшиносӣ,яъне такя ба хусусиятҳои зеҳнии худ,хислатҳои шахсӣ,доираи мақсаду талаботи худи ӯ эътироф мекунад.

Асарҳои Мавлоно Балхӣ “Маснавии маънавӣ”, “Девони Кабир”, “Фиҳи мо фиҳӣ” муътабартарин китобҳои тасаввуф маҳсуб мешавад.Дар таҳлили ин асарҳо унвонҷӯ Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид бисёр заҳмат кашида,ҷавҳари аслии онҳоро барало нишон дода тавонистааст.

Унвонҷӯ Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид ба хулосае омадааст,ки бо вуҷуди он яке аз муҳимтарин паҳлуҳои фалсафии Мавлонои Балхӣ,-кидар мавриди кӯшишҳои педагогӣ дар ташаккули “Инсони комил”нигаронида шудааст,бо қадри кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Унвонҷӯ барои таҳия ва омода кардани рисолаи илмӣ,пеш аз ҳама мақсадгузорӣ,вазифаҳои таҳқикот,объекту субъекти таҳқиқотро тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра риоя карда тавонистааст.

Дар вақти муайян кардани таҳқиқот фарзияро барои амали гаштани мақсади дар пеш гузошта ба навгониҳо алоқаманд карда тавонистааст.Аз иҷрои рисолаи номзадӣ то охир унвонҷӯ Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид марҳилаҳои таҳқиқотро аз соли 2018 то соли 2025 муайян карда,таъкид кардааст,ки ба осори Мавлони Балхӣ барвақт шиносоӣ пайдо карда,ба хулосае омадааст,ки дар бораи ин Ҳазрат бояд кори илмӣ барад.

Дар диссертатсия аз сарчашмаҳои философӣ-педагогӣю психологӣ истифода карда,асоси методолгияи таҳқиқотро муайян карда тавонистааст. Унвонҷӯ дар равандӣ омодасозии рисолаи илмӣ ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои омӯзишӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1,3-и шаҳри Кӯлоб, МДТ "Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Кӯлоб",мактабҳои №2,27 ноҳияи Муъминобод, Литсейи №1-и ба номи И.Сомонии шаҳри Кӯлоб бо фарогирии 420 нафар хонанда ва 20нафар муаллими забон ва адабиёти тоҷик озмоишҳо гузаронида шудаанд.Аз рӯи мавзӯи мазкур унвонҷӯ дар давоми фаъолияти илмӣ бурданаш 7 мақола,аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯи дар маҷаллаҳои конференсияҳо нашр кардааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат аст.Мазмуни диссертатсия дар 209 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст.

Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид бо азифаҳои асосии таҳқиқот,иҷроиши онҳо ба хубӣ баромада тавонист.Дар кор кӯшиш кардааст,ки ба моҳияти масъала сарфаҳм равад,дарк намоляд.

Мафҳумҳои асосии тарбияи "Инсони комил", худогоҳӣ, худшиносӣ, ифтихори миллӣ, фикру андешаҳои Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро ба таври васеъ таҳлил намояд.

Хулосаи илмии кор ҳамаи паҳлуҳои рисолаи илмиро дар бар гирифта, пешниҳодҳо ва тавсияҳои судмандро барои дар оянда чӣ бояд кард,пешниҳод шудаанд.

Аз рӯи ин масъала маводҳои чопӣ таҳия карда шуда, нуктаҳои асосии таҳқиқот инъикос ёфтаанд.

Ҳамчун роҳбари илмӣ ҳисоб мекунам,ки Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид вазифаҳои дар пеш гузоштаи худро дуруст иҷро карда тавонистааст. Мундариҷаи кор далолат менамоянд, ки диссертант ба миён гузоштааст, дар оянда ба рушди илмҳои педагогӣ, психологӣ аҳамияти хуби илмӣ доранд.

Ҳамчун муаллими мактаби таҳсилоти умумӣ (МДТ "Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Кӯлоб ")ҷамъиятчии

фаъол тарбиятдиҳанда, иҷрои кори Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид барои ноил шудан ба дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 пурра арзанда аст.

Роҳбар илмӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Г. Иброҳимов

Имзои Иброҳимов Грез-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
Махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ Давлатов М.А.

23.10.2025

Маълумот барои тамос: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Кӯлоб,маҳаллаи Ш.Шоҳин,хонаи 37/36 . Тел:918151415.